ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Рачабзода Нодира Сайдаҳмад дар мавзуи «Асосҳои методии ташкили корҳои беруназсинфии хонандагон аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ))

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси** 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Ҷомеаи имрӯза аз пешрафти илм ва маориф вобастагӣ дошта, баландбардории сатҳи дониши хонандагон бо татбиқнамоии технолгияи иттилоотию коммуникатсионӣ алоқаманд мебошад. Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти инсон васеъ татбиқ гардида истодаааст.

Баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) вазифаи аввалиндараҷа буда, бо он, ки омӯзгор чӣ тавр таълимро ба роҳ мемонад, вобастагии басо калон дорад.

Барои омода намудани насли наврас ба ҳаёти мустақил, яке аз роҳҳои асосӣ дар ин раванд истифодаи ТИК ва таълими дараҷаи лозими фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) мебошад, зеро нафароне, ки аз асосҳои ин фан хуб бархурдоранд, дар фаъолияти таълимӣ ё кориашон мустақил шуда метавонанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳарчанд технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) дар фаъолияти ояндаи толибилмон баланд бошад ҳам, мутаасифона дар МТМУ ба омӯзиши ин фан соати таълимӣ дар дараҷаи лозимӣ ҷудо нашудааст, ки ин ҳол аз омӯзгор ташкили корҳои иловагиро тақозо менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

- Ташкили корҳои беруназсинфӣ (КБС) аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) дар МТМУ аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардид;
- имконоти фароҳам овардани ташкили корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) муайян карда шуд;
- зимни ташкили корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) ва самаранокии он аз ҷиҳати методӣ коркард карда шуд;

– ташкили КБС аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) дар МТМУ ошкор гардид.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро асосноккунӣ ба воситаи дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълими информатикаи ватанию берунӣ ташкил медиҳанд. Аз ин ҷиҳат, дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст:

- зарурати ташкили КБС аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) аз ҷиҳати назариявию методӣ асоснок карда шавад;
- нақши омӯзгори фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) дар ташкили КБС ҷиҳати баландбардории сатҳи дониши хонандагон муайян карда шавад;
- шароит ва имконоти таълимии МТМУ ҷиҳати ташкили КБС аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) муҳайё карда шавад;
- маҷмуи маводи иловагӣ, ташкили саёҳат ба марказҳои омӯзишии курси компютерӣ ва ғайра таъмин карда шавад;
- гузаштан аз такмили ихтисос ва бозмомӯзии омӯзгорони МТМУ доир ба фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) сифатан хуб ба роҳ монда шавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсия аз «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», ду боб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Рӯйхати адабиёт», «Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия» иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 192 саҳифаи матни компютерӣ бо ёрии барномаи матнии Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 27 расм ва 12 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ буда, рӯйхати адабиёт фарогири 148 номгӯй мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявӣ ва методии ташкили корҳои беруназсинфӣ аз информатика**» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум асосҳои назариявию методии ташкили корҳои беруназсинфӣ аз информатика (технологияи иттилоотӣ) баён мегардад. Зербоби дуюм ба омӯзиши масъалаҳои шакл, намуд ва мундариҷаи корҳои беруназсинфӣ аз информатика бахшида шудааст. Дар зербоби сеюм муҳим будани омӯзиши барномаҳои компютерӣ ва нақши Интернет дар корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд мегардад.

Дар боби дуюм, ки «**Роҳҳои татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ)**» номгузорӣ шудааст ва аз ду зербоб иборат мебошад, ҳадафҳо ва роҳҳои истифодаи ТИК дар корҳои беруназсинфӣ ва самтҳои информатикунонии таҳсилот пешниҳод карда шуда, шароитҳои мусоиди гузаронидани дарсҳои беруназсинфӣ оварда мешаванд.

Дар зербоби якуми боби дуюм оид ба амалигардонии барномасозӣ чун омили баландбардории дониши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот баён мегардад.

Инчунин дар зербоби дуюми ин боб роҳу имконот оиди истифодабарии технологияи муосир дар раванди корҳои беруназсинфӣ аз информатика ва натиҷаи озмоиши педагогӣ баён мегардад.

Хулоса аз 7 банд иборат аст:

1. Дар асоси таҳлили адабиёти педагогию психологӣ ва методӣ, аз таҷрибаи омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ муайян гардид, ки имрӯзҳо ташкили корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (ТИ) ба мақсад мувофиқ аст.
2. Шароити педагогии ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (ТИ) дар шароити муосир муайян гардид.
3. Бо сабаби информатикунонии ҷомеа ба нақшаи кории амалкунандаи корҳои беруназсинфӣ тағйирот ва иловаҳо пешниҳод гардид.
4. Талаботи дидактикӣ оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ дар синфҳо вобаста ба синусолии хонандагон пешниҳод гардид.
5. Оид ба омӯзиш ва истифодаи Интернет дар корҳои беруназсинфӣ дар МТМУ тавсияҳо коркард карда шуд.
6. Коркард ва татбиқи методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ дар МТМУ бо назардошти таҳияҳои барномаҳои компютерии муосир.
7. Зимни озмоиши педагогӣ самаранокии методикаи коркардшуда оиди ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ дар МТМУ тасдиқ гардид.

Аҳамияти назариявии амалии таҳқиқот:

- асосҳои методию назариявӣ ва амалии ташкили корҳои беруназсинфии фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) барои хонандагони МТМУ коркард гардидааст;

- асоснокии назариявию методии ташкили корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) дар шароити муосир пешниҳод карда шудааст;
- роҳҳои фаъолнокгардонии фаъолияти хонандагони МТМУ дар омӯзиши фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) тавассути ташкили корҳои беруназсинфӣ муайян шудааст;
- муайян гардид, ки дар раванди таълим корҳои беруназсинфӣ аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ) на танҳо аз интиқоли маводи иловагӣ иборат буда, хусусиятҳои фардии хонанда, вобастагии мавзуъҳои таълимӣ бо назардошти эҳтиёҷоту манфиатҳои ҷомеа ва фарди алоҳида ба роҳ монда мешавад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 20 интишороти муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз онҳо 1-тоашро дастури методӣ, 8-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашррасида ва боқимонда мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди натиҷаҳо ва дастовардҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Довталаби дараҷаи илмӣ дар диссертатсияи худ натиҷаҳои таҳқиқотҳое, ки дар муаассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон гузаронидааст, оварда аст. Хуб мешуд, бағайр аз МТМУ боз аз шароити гузаронидани корҳои беруназсинфии мактабҳои шакли нав (литсей, гимназия, мактаби хонандагони болаёқат, мактабҳои Президентӣ ва ғайра) низ маълумот медод.

2. Хуб мешуд, агар корҳои илмии олимони ватанӣ дар ин самт ба анҷом расонидашуда бо корҳои олимони хориҷӣ мавриди муқоиса қарор дода мешуд ва бартарияту норасогиҳо муайян карда мешуданд.

3. Дар хулосаи 4-ум интишороти довталаб дарҷ нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ дида мешаванд. Масалан ҳама бандҳои нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо ҳарфи хурд оғоз ёфтаанд. Дар саҳифаи 14 “Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия” навишти “-и” бояд ба аломати вергул “,” ва дар охираш “Рӯйхати адабиёт” бояд ба “Сарчашмаҳои истифодашуда” иваз карда шавад.

Эродҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабзода Нодира Сайдаҳмад дар мавзуи «Асосҳои методии ташкили корҳои беруназсинфии хонандагон аз фанни информатика (технологияи иттилоотӣ)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
“13” 05 соли 2025

Назаров
Аҳтам
Пулотович

Тел: (+992) 908-08-2384, ahtam_69@mail.ru
Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
E-mail: info@tgpu.tj

Имзои **Назаров Аҳтам Пулотович**ро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С Айнӣ А. Мустафозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС